**Иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**

Дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки  мақсад ва вазифаи асосии амалисозии он аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст, омилҳои ба коррупсия дар соҳаи хариди давлатӣ мусоидаткунанда инъикос ёфта, Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегия тадбирҳои даходорро бевосита дар низоми хариди давлатӣ пешбинӣ намудааст.

Бандҳои 11, 12, 13, 14 ва 16 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021-2025) таҷдиди назар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои бидуни усулҳои муқарраргардидаи хариди давлатӣ анҷом додани фаъолияти харидорӣ, давра ба давра такмил додани низоми хариди электронӣ бо дар назар доштани ҳамгироии он бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва бонкҳо, андешидани тадбирҳо ҷиҳати таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии арзу шикоятҳо оид ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави хариди давлатӣ, таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии  «Маркази рушди низоми хариди электронӣ»-и  назди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» муқаррар кардааст.

Баҳри амалисозии вазифаҳои пешбинишуда, аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани  тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳои иштирокчиёни озмун ва таҳвилгарон», лоиҳаҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази рушди низоми хариди электронии давлатӣ»-и Агентии хариди давлатии мол, кор ва

хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №228» таҳия карда шуда, ба вазорату идораҳо ҷиҳати хулосабарорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳияшуда баъди мавриди амал қарор додан ба пешгирии ҳолатҳои бидуни тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ анҷом додани хариди давлатӣ, баланд бардоштани масъулиятнокии шахсони мансабдор, тавсеаи рақобат ва баланд бардоштани эътимоднокии таҳвилгарони эҳтимолӣ ба амалу қарорҳои ташкилотҳои харидор, рушди низоми хариди давлатии электронӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар баробари ин, такмили қонунгузории соҳавӣ, ки мутобиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд дар доираи "Лоиҳаи мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ" амалӣ гардида истодааст, заминаи ҳуқуқиро мутобиқ ба стандартҳои байнанлмилалӣ фароҳам оварда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариди давлатӣ" дар таҳрири нав ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Қонуни мазкур ба ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ, ки истифодаи самарабахш ва сарфакоронаи маблағҳои давлатиро дар заминаи принсипҳои рақобат, муносибати одилона нисбати ҳамаи иштирокчиёни озмун ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ таъмин менамояд, равона карда шуда, аз ҷумла усулҳои нави хариди давлатӣ – "музоядаи электронии баръакс" ва "гуфтушунидҳои рақобатӣ"-иро роҳандозӣ хоҳад намуд.

Дар маҷмуъ, иҷрои тадбирҳои пешбинишуда шиддати коррупсияро дар низоми хариди давлатӣ паст карда, шароити мусоидро барои боз ҳам самаранок истифода намудани маблағҳои давлатӣ фароҳам меорад.